«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.п., дотсент
_______________ Сафарзода Д.Ҷ.
«_02_» ___06___ 2026 сол

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзуи «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. - ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзуи «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Диссертатсияи номзадии Шукурзода Фарҳодҷон Манон ба яке аз мавзуи мубрами илми ҳуқуқи маданӣ, соҳибкорӣ, оилавӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бахшида шуда, дорои хусусияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ мебошад. Айни замон дар Тоҷикистон ҳам дар доктрина ва ҳам дар амалияи татбиқи ҳуқуқ масъалаҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ мубрам дониста мешавад. Илова бар ин, таъмини фаъолияти озоди иқтисодӣ ва рушди муносибатҳои бозорӣ, дар навбати худ, баҳсҳоро миёни шаҳрвандон, ташкилоту созмонҳои онҳо ва сохтору мақомотҳо ба вуҷуд меоваранд, ки ҳалли қонунӣ, адолатнок ва саривақтии онҳо хеле муҳим мебошад.

Мубрамияти мавзуъ бо якчанд омилҳои ҷиддӣ аз ҷониби муаллиф асоснок карда шудааст. Чуноне ки муаллиф зикр менамояд: «Таъмин намудани дастрасӣ ба адолати судӣ ва иттилоот оид ба фаъолияти судҳо, муҳокимаи ошкоро ва одилонаи судӣ ба таҳкими қонуният, пешгирӣ кардани содиршавии ҷиноят, эҳтиром ба қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва

шаҳрванд мусоидат менамояд. Инчунин, ҳар як субъекти фаъолияти соҳибкорӣ имконият дорад баҳси пайдошударо дар судҳои давлатӣ баррасӣ намояд, бо ташаббуси худи даъвогару ҷавобгар ҳакамотро ташкил намояд ва ин падида танҳо ба манфиати кор буда, метавонад чун кафили муносибати минбаъдаи контрагентони тиҷоратӣ баромад намояд. Аз ин рӯ, барои ноил гардидан ба мақсадҳои гузоштташуда, ҳаракатҳои созанда ва кӯшиши судяҳои суди ҳакамие, ки бинобар созиши тарафҳои баҳскунанда, моҷарои ҳуқуқии онҳоро баррасӣ ва ҳал менамоянд, инчунин, ба сатҳи баланди масъулиятшиносии бевоситаи тарафҳои баҳскунанда алоқамандӣ дорад» (с.5).

Пешрафт намудани фаъолияти тиҷоратӣ, ташаккули қонунгузории мадании Тоҷикистон, ҳамзамон рӯ ба инкишоф ниҳодани қонунгузорӣ оид ба кафолатҳои мадании баррасии ҳакамии баҳсҳои иштирокчиёни мурофиавии судии маданӣ бозгӯи он мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии самти мазкур ба талаботи муқарраротҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ марҳилаи мутобиқатро паси сар намуда истодааст. Ҳолати болозикр гувоҳи медиҳад, ки вобаста ба талаботи иштирокчиёни баҳсҳои маданӣ-ҳуқуқӣ фаъолияти судҳои ҳакамӣ хусусияти доимиро ба худ касб намуда, баррасиҳои судиро дар низоми судии ҳаками зиёд карда истодааст. Раванди мазкур аз динамикаи рушди низоми мурофиавии ҳакамӣ дар Тоҷикистон дарак медиҳад. Албатта дар ин ҷода нақш ва мавқеи қонунгузории мурофиавии маданӣ ва санадҳои байналмилалии самти мазкур муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Таҷрибаи ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳо мавҷуд будани камбудиҳоро нишон дода, дар ин чорчӯба вобастагии намоён бо воситаҳои маданӣ-ҳуқуқие дида мешавад, ки ба чунин ҳимоя хосияти диспозитивиро мебахшад (с.7).

Бо дарназардошти ҳолатҳои зикршуда, мавзуи диссертатсия мубрам, саривақтӣ ва ҷавобгӯи талаботи рушди илми ҳуқуқшиносии миллӣ ва ниёзҳои амалии танзими муносибатҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Дараҷаи асосноккунии натиҷаҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия ироагардида дар маҷмуъ метавонанд мусбат арзёбӣ шаванд. Муаллиф ҳангоми таҳқиқ аз заминаи мустаҳками назариявӣ, меъёрии ҳуқуқӣ ва эмпирикӣ истифода бурда, масъалаҳои марбут ба вазъи ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамиро дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ ба таври системавӣ ва пайдарпай таҳлил намудааст.

Диссертатсия таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ-тахассусӣ буда, натиҷаи он барои рушди илми ҳуқуқи маданӣ, соҳибкорӣ, оилавӣ ва қонунгузории

Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад. Ҷанбаҳои дигари мавзуи диссертатсия барои рушди илмҳои соҳавии дигари ҳуқуқшиносӣ аҳаммияти муҳим доранд. Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, инчунин таҳлили танқидии ақидаҳои дар илм ҷойдошта, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводи илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия баёншуда дорои дараҷаи кофии асосноккунӣ буда, метавонанд барои рушди минбаъдаи назария ва амалияи ҳуқуқи маданӣ дар самти танзими фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намоянд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда. Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки диссертатсия яке аз аввалин пажӯҳишҳои мукаммали комплексӣ дар илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки масъалаҳои фаъолияти судҳои ҳакамӣ ва танзими ҳуқуқии фаъолияти онҳо дар шароити рушди иқтисоди рақамиро ба таври низомнок ва фарогир мавриди таҳлил қарор медиҳад.

Нововарии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки диссертатсия дар асоси мавқеи устувори таҳқиқотиву ҳамаҷонибаи муаллиф оид ба масъалаи муаммоҳои ҳуқуқи мадании танзими фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст ва барои мукаммал гардонидани қонунгузорӣ дар бахши мазкур як қатор пешниҳодҳо таҳия карда шудаанд. Нововарии таҳқиқот, инчунин дар он ифода мегардад, ки то ҳол дар ҶТ масъалаи асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар таҳқиқоти комплексии монографӣ фаро гирифта нашудааст. Диссертацияи мазкур аввалин кори илмие мебошад, ки дар он кӯшиши гузаронидани таҳқиқоти комплексии проблемаҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда шудааст. Чунин нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда хусусияти навгонӣ доранд:

1. Ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ дар низоми татбиқгардии воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ва мурофиавии ҳуқуқӣ таҷассум ёфтааст. Баробари ин, дар асоси воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ маҷмуи масъалаҳои зерин, ки бо таъмини ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии маданӣ алоқаманданд, ҳалли хешро ёфтаанд: ҳадафҳои хусусияти ташкилӣ дошта, аз қабили созмон додани судҳои ҳакамӣ, ҳадафҳои дигари таъминотӣ, ҳадафҳо ҷиҳати пеш

бурдани фаъолият оид ба ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ (вобаста ба муносибатҳое, ки ҳуқуқи маданӣ танзим менамояд, речаи ҳуқуқии мухторияти ирода, чудо намудани амвол ва масъулияти алоҳида ва мустақили молумулкии субъектони муносибат пешбинӣ мегардад).

2. Воситаҳои ҳуқуқӣ ва маҷмуи меъёрҳои маданӣ - ҳуқуқии ин воситаҳоро дарбаргирифта, нисбати ҳамдигар таъсири мутақобила мерасонанд. Бо истифода аз меъёри ҳуқуқӣ, ченаки воситаи маданӣ- ҳуқуқии дахлдор муайян карда мешавад, аз қабили намуди воситаи ҳуқуқӣ ва ҳадафи татбиқнамоии вай; ҳайати ашхоси ин воситахои ҳуқуқиро истифодабаранда; тарзу усули истифодабарии воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ. Аз тарафи дигар бошад, воситаҳои ҳуқуқӣ ҳамчун хусусияти таъсиррасонӣ ба меъёри ҳуқуқӣ баромад мекунанд. Бинобар зарурати ҳатмии истифодашавии воситаи ҳуқуқӣ, он бо мақсади бахшидани мувозинат ба муомилоти маданӣ истифода мешавад, аз ҷумла ҳангоми ҷавобгарии маданӣ - ҳуқуқӣ, меъёрҳои маданӣ - ҳуқуқии дахлдор низ хосияти ҳатмигиро пайдо мекунанд. Дар ин маврид агар қонунгузор ва таҷрибаи татбиқнамоии меъёр хусусияти диспозитивиро вобаста ба татбиқи воситаҳои маданӣ - ҳуқуқӣ иҷозат диҳад, меъёрҳои дахлдор низ хосияти диспозитивиро пайдо мекунанд.

3. Созишномаҳои ҳакамӣ ҳамчун шартномаи хусусияти ташкилӣ, маданӣ-ҳуқуқӣ баҳо дода шуда, мувофиқи он шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ҷиҳати расидан ба самараи махсуси маданӣ – ҳуқуқӣ (ба эътидор овардани низои ҳуқуқии эҳтимолӣ ва ё алҳол ба вуҷудомадаи маданӣ ҳуқуқӣ) ухдадор мешаванд, дар доираи расмиёти муайяни ҳуқуқии аз ҷониби тарафҳо якҷоя, тибқи муқаррароти Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» аз 5.01.2008, №344 муайяншуда, амал намоянд.

Асоснок карда мешавад, ки ба расмият даровардани созишномаи ҳакамӣ бо воситаи баимзорасонии он, танҳо бо амали воситаи маданӣ- ҳуқуқӣ вобаста буда, иҷрои минбаъдаи он бо амалигардонии ду намуди воситаҳои ҳуқуқии бо ҳам алоқаманд – воситаҳои маданӣ - ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ - ҳуқуқӣ тақозо карда мешавад.

4. Дар ҷараёни беэътибор ҳисобидани аҳд, бо дарназардошти баинобатгирии талаботи қонунгузории маданӣ-ҳуқуқӣ, оқибатҳои хислати мурофиавии судидошта ба амал омаданашон аз эҳтимол дур нест. Ҳолати мазкурро дар шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ алалхусус шартномаи пешакӣ, созиши хусусияти ҳакамидошта ва монанди инҳо мушоҳида намудан имконпазир мебошад. Ҳолатҳои болозикр метавонанд барои амалишавии мақсадҳои шартномаҳои мазкур таъсири тағйирдиҳандаи худро расонида, дар ин маврид барои иҷро нагардидани мутобиқсозии қолабии талаботи

муқарророти қонунгузорӣ оварда расонад. Чунин ҳолати бозгӯйи он мебошад, ки шартномаи қайдгардида хусусияти иҷронашавандагиро касб менамоянд. Масоили мазкур дар доираи таҳқиқот бо услуби илмӣ ба риштаи таҳлил кашида шудааст.

Дар маҷмӯъ, навоварии илмии таҳқиқ дар ташаккули муносибати муосир ва мукаммал ба фаъолияти судҳои ҳакамӣ ифода ёфта, саҳеҳии натиҷаҳо бо заминаи қавии назариявӣ, меъёрӣ ва эмпирикӣ таъмин гардидааст, ки ин ба баланд гардидани арзиши илмӣ ва амалии диссертатсия мусоидат менамояд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия. Аҳаммияти илмии таҳқиқот бо он ифода мегардад, ки натиҷаҳои диссертатсия ба рушди назарияи ҳуқуқи маданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас мегузоранд. Таҳқиқот метавонад ҳамчун сарчашмаи илмӣ ҳангоми таҳияи корҳои диссертатсионӣ, рисолаҳои магистрӣ, мақолаҳои илмӣ ва курсҳои махсуси таълимӣ дар соҳаҳои ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ истифода шавад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он асоснок карда мешавад, ки пешниҳодҳои муаллиф хусусияти амалӣ дошта, ба такмили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи алоқа ва танзими ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ равона гардидаанд.

Аҳаммияти иқтисодии рисола дар он зикр мегардад, ки миёнаравони иттилоотӣ яке аз унсурҳои асосии инфрасохтори иқтисоди рақамӣ ба ҳисоб рафта, фаъолияти самараноки онҳо ба рушди бозори хизматрасониҳои электронӣ ва рақобатпазирии иқтисоди миллӣ таъсири мустақим дорад. Такмили танзими ҳуқуқии ин соҳа метавонад ба ҷалби сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ, баланд бардоштани самаранокии хизматрасониҳои интернетӣ, коҳиш додани хавфҳои ҳуқуқӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ ва рушди бозори рақамӣ мусоидат намояд.

Аҳаммияти иҷтимоии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки фаъолияти самараноки судҳои ҳакамӣ дар танзими дурусти ҳуқуқии ин муносибатҳо метавонад ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои истифодабарандагон, аз ҷумла ҳифзи маълумоти шахсӣ, таъмини амнияти иттилоотӣ ва пешгирии сӯиистифода дар шабакаҳои интернетӣ мусоидат кунад.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳаммияти баланди илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буда, метавонанд дар рушди минбаъдаи қонунгузорӣ, такмили амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва ташаккули сиёсати

давлатӣ дар соҳаи танзими фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон накши муҳим ва муассир бозанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо истифода аз заминаи мустаҳками назариявӣ ва таҳлили ҳамаҷонибаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дигар санадҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти судҳои ҳакамӣ асоснок гардидаанд.

Дараҷаи асосноккунии хулосаҳо ва пешниҳодҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз натиҷаҳои омӯзиши ҳамаҷонибаи масъала бармеоянд. Рисолаи мазкур аввалин таҳқикоти мукаммал вобаста ба асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Таҳлили муфассали доктринаи ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ имконият фароҳам овардааст, ки истилоҳоти ҳуқуқӣ ва мафҳумҳои асосӣ оид ба мавзуи баррасишаванда равшан шуда, дар партави он пешниҳодҳои муайяни илмӣ манзур шудаанд, ки барои такмили конунгузории соҳа ва татбиқи самараноки меъёрҳои ҳуқуқӣ дар амалия кӯмак менамоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии муаллиф бо ширкати бевоситаи ӯ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, пешбарии ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳо ва нуктаҳои илмӣ, интишороти ӯ исбот карда мешавад. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ бо сатҳи навгонии илмии таҳқикот, нуқтаҳои асосии илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод карда шудаанд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар чорабиниҳои гуногуни илмӣ, аз ҷумла, семинарҳо, семинар-машваратҳо, конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва назариявӣ, форумҳои миллӣ тасдиқ карда мешавад.

Ҳамзамон, муаллиф ақидаҳои худро тавассути мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ ба омма пешкаш намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, заминаи кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсияро корҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Заминаҳои амалии таҳқиқотро таҷрибаи ватанӣ ва мақомоти давлатии ваколатдор ташкил додааст. Асосҳои таҳқиқоти диссертатсиониро методологияи умуминазариявӣ ва махсуси ҳуқуқии ташкил додаанд.

Таҳлили густурдаи мавзуи таҳқиқот ва дар асоси он нашр гардидани усулҳои натиҷаҳои диссертатсия дар мақолаҳои илмӣ, эътимоднокии онро пурра тасдиқ менамоянд. Тавсия ва пешниҳодҳои манзуршудаи муаллиф бо

дарназардошти таҳлилҳои муқоисавӣ-ҳуқукии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ, бахусус амалияи мақомоти судӣ сурат гирифтааст. Муаллиф хулосаю пешниҳод ва тавсияҳои худро бо сарчашмаҳои дақиқи илмӣ, бо истинод овардан ба маводи илмӣ ва қонунгузорию корҳои амалӣ, асоснок намудааст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Шукурзода Фарҳодҷон Манон 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақола дар дигар маҷаллаҳои илмӣ ба табъ расидааст, ки ба таҳлили паҳлуҳои гуногуни «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шудаанд. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла:

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Шукуров, Ф.М. Оид ба хусусиятҳои ташкилшавии суди ҳакамӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров // Қонунгузорӣ. – 2021. – № 4(44). – С. 56-61; ISSN 24-2903

**[2-М].** Шукуров, Ф.М. Баъзе масалаҳои мафҳум ва табиати ҳуқуқии судҳои ҳакамӣ ҳакамӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2021.– №3(88). – С. 132-139; ISSN2411-1945

**[3-М].** Шукуров, Ф.М. Назаре ба масъалаи салоҳияти суди ҳакамӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – 2022. – № 4(44). – С.132-139; ISSN2411-1945

**[4-М].** Шукуров, Ф.М. Баъзе масъалаҳои гражданӣ-ҳуқуқии созишномаҳои ҳакамӣ: назария ва амалия ҳакамӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – № 1(29). – С. 180-189; ISSN 24149217

**[5-М].** Шукуров, Ф.М., Назаре ба масъалаи беэътибории созишномаи ҳакамӣ ҳакамӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров, М.Н. Раҷабзода // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2024. – 2(99). – С. 32-38; ISSN 3005-8023.

**II. Мақолаҳое, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ ба табъ расидаанд:**

**[6-М].** Шукуров, Ф.М. Таснифи шартнома дар ҳуқуқи гражданӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров // Конференсияи ҷумҳуриявии устодон ва донишҷӯёни ДДҲБСТ таҳти унвони «Илм ва инноватсия дар низоми татбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ», ки ба 30-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон– Хуҷанд: Дабир, 2021. – С. 156-161.

**[7-М].** Шукуров, Ф.М. Оид ба салоҳияти суди ҳакамӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров // Конференсияи илмӣ – амалии профессорон, омӯзгорон ва муҳақиқони ҷавони ДДҲБСТ бахшида ба эълон гаштани солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат» ва Рӯзи илми тоҷик (21-25 апрели соли 2022). Бахши ҳуқуқшиносӣ II. – С. 75 - 80.

**[8-М].** Шукуров, Ф.М. К вопросу компетенции третейского суда [Матн] / Ф.М. Шукуров // Международная конфереции посвязенная памяти «Аубакировские чтения» – *Алмато*, 2025. – С. 195-197.

**[9-М].** Шукуров, Ф.М. Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули судҳои ҳакамӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров // Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи “Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – заминаи устувори ташаккули маърифати ҳуқуқӣ ва эъмори давлати ҳуқуқбунёд”. – Хуҷанд: Дабир, 2024. – С. 307-316.

**[10-М].** Шукуров, Ф.М. Назаре ба масъалаи воситаҳои ҳуқуқи мадании ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии маданӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Ҷавонон ва рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол // Хуҷанд: 2024. – С. 191-196.

**[11-М].** Шукуров, Ф.М. Танзими ҳуқуқии салоҳияти судҳои ҳакамӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров // Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи “Аҳамияти маърифати ҳуқуқӣ дар ҷомеаи муосир” // Хуҷанд. 2025. – С. 229-233.

**[12-М].** Шукуров, Ф.М. Баъзе масъалаҳои салоҳияти судҳои ҳакамӣ дар замони муосир [Матн] / Ф.М. Шукуров // Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ таҳти унвони “Рушди устувор дар соҳаҳои иқтисодиёт, суботи иҷтимоӣ, мувозинати экологӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон” аз 23 апрели соли 2025. – Хуҷанд: Дабир, 2025 – С. 156-160.

**[13-М].** Шукуров, Ф.М. Баъзе масъалаҳои фаъолияти суди ҳаками [Матн] / Ф.М. Шукуров / Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии ДДҲБСТ таҳти унвони “Иттилоотонии қонунгузории Ҷумҳурии

Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ” бахшида ба солҳои рушди иқтисодиёти ракамӣ ва инноватсионӣ, 1 ноябри соли 2025. – Хуҷанд: 2025. – С.232-237.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Дар мукаддимаи кори мазкур мубрамияти мавзӯи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзӯи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети мавзӯи таҳқиқот, марҳила, макон ва давраҳои таҳқиқот, оварда шуда, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, инчунин заминаҳои эмпирикии таҳқиқот, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, тавсиф гардида, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шуда, оид ба саҳми шахсии довталаб, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври зарурӣ изҳори назар карда шудааст.

Нақша ва сохтори диссертатсия тавре таҳия шудаанд, ки маҷмуи масъалаҳои муҳим ва заруриро барои ҳалли мавзуи таҳқиқшаванда дар бар мегиранд.

**Сохтори рисолаи илмӣ** муаллиф ба пуррагӣ тавонистааст, ки дар доираи 3 боб ва 6 зербоб моҳияти мавузи таҳқиқоти диссертатсионро баррасӣ кунад. Сохтори диссертатсия аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) ва феҳрасти интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст.

Дар муқаддима асоснокии интихоби мавзуъ тавзеҳ дода шуда, мушкилоти назария ва амалия вобаста ба мавзуъ матраҳ шуда, аҳаммият ва саривақтӣ будани таҳқиқоти илмӣ пешниҳод карда шудааст. Ҳамчунин, дар муқаддима мақсаду вазифаҳо, объекту мавзуи таҳқиқи илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян гардидаанд.

Боби якуми рисола «Мафҳум ва хусусиятҳои воситаҳои маданӣ - ҳуқуқии таъмини ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» масъалаи фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳаммияти он дар ҳуқуқи маданӣ, ҳамчунин мавриди таҳқиқ қарор додани доираи воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқҳои субъективии маданӣ баррасӣ шудааст. Дар боби мазкур, мафҳум, хусусият ва таснифоти воситаҳои ҳуқуқи маданӣ ва таъмини ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ ва истифодаи он ҷиҳати ҳалли баҳсҳои ҳуқуқӣ ба таври пурра омӯхта шуда, махсусияти масъалаҳои мазкур муайян гардидааст.

Боби дуюми рисола ба масъалаи маданӣ - ҳуқуқии барасмиятдарории ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар ин боб қайд кардааст, ки истеҳсолоти суди ҳакамӣ барои баррасӣ ва ҳалли

баҳсҳо оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ шуда, барои ҳамин чун истеҳсолоти даъвогӣ арзёбӣ мегардад.

Боби сеюми рисола ба механизми маданӣ – ҳуқуқии баамалбарории ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективӣ бахшида шудааст. Дар ин боб ҳолати ҳуқуқии созишномаи ҳакамӣ мутобиқи қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**. Диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон Манон ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Мутобиқати тахассуси илмии Шукурзода Фарҳодҷон Манон барои дарёфти дараҷаи илмӣ ба ихтисоси 5.5.3 - ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҷавобгӯ буда, ҳамзамон робитаи кор бо ихтисоси мазкур мувофиқ аст.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Дар баробари ҷанбаҳои зиёди мусбат доштани таҳқиқоти унвонҷӯ, дар он баъзе масъалаҳои баҳснок ба мушоҳида мерасанд. Бо дарназардошти андешаҳои боло, баъзе эродҳо ба мазмун ва шакли диссертатсия ва авторефреат пешниҳод мешаванд:

1. Номи рисола дар матни автореферат ба забони русӣ ва тоҷикӣ каме фарқият дорад. Дар забони русӣ «гражданско - правовые основы» ва дар забони тоҷикӣ «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқӣ» омадааст. Хуб мешуд агар дар матни забони тоҷикӣ ибораи «ҳуқуқию мадании» ё «ҳуқуқӣ - маданӣ» истифода мешуд.

2. Дар рисола муаллиф ба истилоҳи «воситаи ҳуқуқӣ» ва ё «воситаи маданӣ-ҳуқуқӣ» таваҷҷуҳ додааст. Аммо, мутаассифона, ба моҳияти илмии ин истилоҳҳо ба таври саҳеҳ эътибор надодааст. Хуб мешуд ҳангоми ҳимоя ба ин масъала равшанӣ андохта шавад.

3. Муаллиф дар саҳифаи 27 рисола зикр менамояд, ки «агар шакли ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ дар судҳои юрисдиксияи умумӣ ва судҳои иқтисодӣ моҳиятан мурофиавӣ бошад, пас шакли ҳакамии ҳимояи ҳуқуқҳои маданиро бояд ҳамчун судиву шартномавӣ ё худ шартномавию мурофиавӣ баҳо дод».

Бо чунин андеша розӣ шудан душвор аст, зеро шакли ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ ҳам дар судҳои юрисдикисионии давлатӣ ва ҳам дар судҳои ҳакамӣ моҳияти мурофиавиро дорост. Маҳз дар ин аҳаммияти суд мушоҳида мешавад. Пас, дар сурати моҳияти шартномавӣ доштани ҳакамот, он аҳаммияти суди ҳакамиро гум намекунад.

Эродҳои болозикр ва камбудиҳои ҷойдошта ба сифати баланди илмии диссертатсия таъсири манфӣ ворид намесозанд, балки нишон медиҳанд, ки мавзуи мазкур мубрам буда, аз нигоҳ илмӣ таҳлил намудани онҳо саривақтӣ мебошад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраршуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқотро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, аз ҷумла мазмуни мухтасари бобҳо ва зербобҳои диссертатсия шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзуи «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талдаботи мавҷуда мувофиқ мебошад. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешгбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79, ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Диссертасия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ назариявии кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисоди факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар семинар иштирок доштанд 9 нафар: Тарафдор 9 нафар, муқобил – бетараф нест. Протоколи семинари васеи илмӣ-назариявӣ тахти №9 аз 29 майи соли 2026.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби М.Т. Раупова доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон омода карда шуда, дар ҷаласаи кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар маҷлис иштирок доштанд 9 нафар: тарафдор 9 нафар, муқобил – бетараф нест. Протоколи кафедра таҳти №9 аз 29 майи соли 2026.

**Раиси семинари илмӣ-назариявӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент мудири кафедраи ҳуқуқи
мадании ва иқтисодии Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Олимзода Д.А.

**Ташхисгар:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи ҳуқуқи
маданӣ ва иқтисодии Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раупова М.Т.

**Котиби ҷаласа:**
муаллими калони кафедраи
ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳимзода Д.Қ.

**«Имзои Олимзода Д.А., Раупова М.Т.,
Раҳимзода Д.Қ.-ро тасдиқ мекунам»:**
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Насурдинзода А.Н.

«29» 05 2026 с.

Суроға: 734003, ш. Душанбе, кучаи Саид Носир, 33.
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: 224-17-86, факс: 372-24-17-86 Почтаи электронӣ: info@apa.tj
Сомонаи интернетӣ: www.apa.tj